БАРОИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, СУЛҲУ ОРОМӢ, СУБОТИ СИЁСӢ, СОЗАНДАГИВУ ОБОДОНӢ, РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ ВА ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ!

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ХИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН • НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

№ 12, (312),
27 июни соли 2018

► E-mail: hamrozi-khalq@mail.ru ● www.hhdtkhatlon.tj

НАШРИЯИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## ТАШАББУСИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАСОИЛИ ОБ ОМИЛИ ВАҲДАТИ МАРДУМИ САЙЁРА АСТ




***Аз 20-ум то 22-юми июни соли 2018 дар Кохи Сомони бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Конференсияи байналмиллалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» баргузор гардид.***

***Дар кори Конференсия сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои Покистон, Туркманистон, Афғонистон, беш аз 1500 коршинос аз 100 кишвари ҷаҳон ва даҳҳо созмонҳои байналмиллалию минтақавӣ иштирок намуданд.***

***Дар маросими ифтитоҳи Конференсия Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуд, ки матни пурраи он дар саҳифаи дуюми ҳамин нашрия оварда шудааст.***



ПАЁМАДҲОИ ХАТАРОВАРИ ФАЪОЛИЯТИ ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲОИ ИРТИҶОӢ ВА МУБОРИЗА БО ОНҲО 3



ДОНИШ ТАЛАБУ БУЗУРГӢ ОМӮЗ... 4



ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН- ТАРҒИБГАРИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ 5



СОЛИМИИ МИЛЛАТ – БОИГАРИИ ДАВЛАТ АСТ 6



НОРАК ШАҲРИ МУЪҶИЗАҲОСТ! 7

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САТҲИ БАЛАНД ОИД БА ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛИЁТ «ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР, СОЛҲОИ 2018-2028»

*Муҳтарам сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо,*

*Муҳтарам роҳбарон ва аъзои ҳайатҳо, Хонумҳо ва ҷанобон!*

Ҳамаи шуморо ба шаҳри Душанбе дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» хайрамақдам мегӯям.

Умед дорам, ки аз рӯйи натиҷаҳои чорабинии имрӯза, ки дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикон доир мегардад, ҷиҳати татбиқи ҳадафу вазифаҳои дар сатҳи байналмилалӣ дар арсаи захираҳои об мувофиқашуда иқдомоти амалии муассир сурат хоҳад гирифт.

Итминон дорам, ки конфронси имрӯза барои таҳияи тавсияҳои мушаххас роҷеъ ба мавзӯъҳои ҷаласаи дарпешистодаи Форуми сиёсии сатҳи баланд оид ба рушди устувор, ки дар он Ҳадафи шашум оид ба захираҳои об муҳокима мегардад, имконоти мусоид фароҳам меорад.

Бо ибтикори Раиси Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 22-юми марти соли равон – дар Рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои об – мо ҳама якҷо ба раванди татбиқи Даҳсолаи нави байналмилалӣ оид ба об ҳусни оғоз бахшидем.

Мехостам ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамсафонаш барои таҳия ва оғози роҳандозии Нақшаи амалиёти Даҳсола, ки метавонад василаи муҳимми раванди татбиқи он гардад, арзи сипос намоям.

*Муҳтарам хонумҳо ва ҷанобон!*

Мо ба пешбурди Даҳсолаи нав бо такя ба таҷрибаи бисёр муфиде, ки дар ҷараёни амализсозии ташаббусҳои қаблии глобалии марбут ба об андӯхта шудааст, шурӯъ менамоем.

Дар ин ҷода тайи понздаҳ соли ахир мо саъю талошҳои муштаракамонро дар чаҳорчӯби татбиқи чунин ташаббусҳои глобалӣ, ба монанди “Соли байналмилалии оби тоза, 2003”, Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» ва “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013” ҳамаҷониба тақвият бахшидем.

Ҳамаи ин ибтикорот дар масъалаи дарки амиқи нақши нодири об дар ҳаёти сайёраи мо саҳми арзишманд гузоштанд.

Ҳамзамон бо ин онҳо ба ҷалби фаъоли ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ба идораи захираҳои об, татбиқи лоиҳаҳо ва истифодаи технологияву навовариҳои муосир дар ин соҳа мусоидат карданд.

Мехостам нақши ин ташаббусҳоро дар татбиқи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, махсус зикр намоям.

Саъю талошҳои муштарак дар ин ҷода барои таҳияи рӯзномаи нави рушди устувор, ки дар он захираҳои об ҷойгоҳи марказӣ доштa, ба ҳайси унсури калидии ин амалия муайян гардидаанд, заминаи боэътимод фароҳам оварданд.

Дар айни замон, далелҳои зайли ба шумо маълум гувоҳӣ медиҳанд, ки сафарбарсозии талошҳои умум ҳанӯз самараи дилхоҳ надодааст.

— дар дунё зиёда аз 800 миллион нафар ба оби нӯшокии бехатар ва зиёда аз дувуним миллиард нафар ба хизматрасонии оддитарини соҳаи беҳдошт (санитария) дастрасӣ надоранд;

— ҳар сол то сесад ҳазор нафар кӯдак дар синни то панҷсола ба иллати набудани дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошт ба ҳалокат мерасад.

Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки мо то ҳол дар иҷрои вокеии вазифаҳо ва ҳадафҳо дар арсаи таъмин намудани дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошт ҷиддан ақиб мондаем.

Ғайр аз ин, таъсири номатлуби раванди тағйирёбии иқлим вазъи корҳоро ҷиҳати расидан ба идораи устувори захираҳои об мураккаб мегардонад.

Маълум аст, ки тағйироти глобалии иқлим ба ҳаҷми захираҳои оби нӯшокии тоза ва сифати он таъсири манфӣ расонида, кишварҳо ва минтақаҳои мухталифи оламро ба вазъи ташвишовари экологӣ дучор месозад.

Имрӯз дар олам зиёда аз ду миллиард нафар аз норасоии об танқисӣ мекашанд.

Тибқи пешгӯйии коршиносон, соли 2050 ин нишондиҳанда метавонад то панҷ миллиард нафар, яъне тақрибан ба нисфи аҳолии сайёра, баробар гардад.



Зимнан, тамоюли афзоиши аҳолӣ ва ниёзмандӣ ба захираҳои об дар назди мо вазифаҳои нави маҷмӯиро мегузорад.

Дар ҷаҳон талабот ба захираҳои об бо суръати баланд афзоиш меёбад ва ин, дар навбати худ, боиси шиддат гирифтани муноcибатҳо миёни соҳаҳои иқтисод мегардад.

Шиддати рақобат барои дастрасӣ ба захираҳои об дар шароити афзоиши камбуди об метавонад ҳатто дар дохили як кишвар пайомадҳои манфиро ба бор орад.

Маҳз ҳамин ду омил – тағйироти глобалии иқлим ва афзоиши демографӣ – чаҳорчӯба ва имконотро барои иқдомоти мо муайян хоҳанд кард.

Дар баробари ин омилҳо як силсила масъалаҳои дигаре вуҷуд доранд, ки муносибати маҷмӯӣ ва ҳамкории фаъолро дар соҳаи об тақозо доранд.

Дар маҷмӯъ баланд бардоштани самаранокии истифодаи об, кам кардани ифлосшавии захираҳои об, истифодаи такрории онҳо ва таҳияи технологияҳои нави тавлиди оби тоза дар миқёси саноатӣ аз ҷумлаи чунин масъалаҳо мебошанд.

Таҷрибаи андӯхташуда нишон медиҳад, ки дар арсаи истифодаи захираҳои об якбора ба натиҷаҳои назаррас ноил шудан мушкил аст.

Бо дарназардошти маҳз ҳамин таҷриба, Даҳсолаи оғозёфта, пеш аз ҳама, ба ташаккули майдони васеъ барои таҳкиму тавсеаи муколамаи мунтазами бисёрҷониба дар соҳаи об бо таваҷҷуҳ ба иқдомоти амалии мушаххас равона карда шудааст.

Дар ин замин мо ният дорем ҳар ду сол Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи ҳадафу вазифаҳои Даҳсолаи амалиётро доир намоем.

Дар ин самт мо ҳамкориамонро бо кишвару созмонҳои манфиатдор дар чаҳорчӯбаи Кумитаи байналмилалии роҳбарикунанда идома хоҳем дод.

Бо истифода аз фурсат, мехостам ба ҳамаи аъзои Кумитаи кунунии роҳбарикунандаи байналмилалӣ, ки дар омода намудани Конфронси имрӯза саҳми басо арзишманд гузоштаанд, изҳори сипос намоям.

Ҳамчунин, мо ният дорем корро дар ин ҷода тавассути дар шаҳри Душанбе таъсис додани Маркази байналмилалии мусоидат ба татбиқи Даҳсола тақвият бахшем.

Раванди таҳияву пешбурди қатъномаи нави Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи миёнамуҳлати ҷараёни татбиқи Даҳсола майдони иловагиро барои ҳамкории мо фароҳам хоҳад овард.

Мо ба ҷонибдории фаъоли шарикони дар пешбурди қатъномаи мазкур дар чаҳорчӯби иҷлосияи ҳафтоду сеюми Маҷмааи умум умед дорем.

Аз нигоҳи мо, саъйю талошҳо ҷиҳати эҷоди механизмҳои мусоидат ба татбиқи Даҳсола бояд бо сафарбарсозии захираҳои зарурии башарӣ, молиявӣ ва фаннӣ тақвият дода шаванд.

Дар робита ба ин мехостам масъалаи талаботи бузурги соҳаи обро ба маблағгузорӣ ҷиҳати амалӣ гардонидани лоиҳаву барномаҳои ин соҳа махсус таъкид созам.

Аз рӯйи ҳисобҳои Бонки Ҷаҳонӣ, талаботи ҳамасолаи молиявӣ барои иҷрои танҳо ду вазифаи Ҳадафи шашуми рушди устувор, яъне дастрасии умум ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошт, то ба як саду чордаҳ миллиард доллари амрикоӣ мерасад.

Зимнан, зарур аст, ки саъю кӯшиши мо ба боло бурдани самаранокии истифодаи захираҳои молиявии мавҷуда ва пайдо намудани манбаъҳои нави маблағгузории соҳаҳое, ки бо захираҳои об алоқаманданд, равона карда шаванд.

Ба ин манзур, тавсеаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ барои ҷалб намудани сармояи иловагӣ ба соҳаи об ва инфрасохтори он имконоти нав фароҳам месозад.

*Муҳтарам хонумҳо ва ҷанобон!*

Ҷузъи фаромарзии ҳамкории арсаи об низ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим мебошад.

Ҳамкориву ҳамгироии самаранок, одилона ва барои ҷонибҳо судманд дар соҳаи об метавонад таконбахши рушди муштараки кишварҳое гардад, ки онҳоро ҳавзаҳои умумии об ба ҳам мепайвандад.

Минтақаи Осиёи Марказӣ мисоли возеҳи ҳамкории созанда дар соҳаи об мебошад, ки дар он нобаробарии ташаккулёбии захираҳои об ҷой дорад.

Чунин вазъ, дар баробари талаботи фарқкунандаи кишварҳои минтақа ба истифодаи захираҳои об аз лиҳози соҳавӣ ва мавсимӣ, чанде пеш чун омили баҳсу мунозираҳо ва ихтилофоти эҳтимолӣ арзёбӣ мегардид.

Вале тавре ки замон ва амалия нишон медиҳад, мо тавонистем дар ҳалли мушкилоти мавҷуда ба пешрафти назаррас ноил шавем.

Айни ҳол дар минтақа имконоту инфрасохтори нав барои ҳамкории самарабахш ва таъмини рушди кишварҳои шомили он эҷод гардидаанд.

Ҷиҳати ноил шудан ба ин натиҷаҳо нақши чунин сохторҳои минтақавӣ, ба монанди Бунёди байналмилалии наҷоти Арал ва ниҳодҳои он, бешубҳа, назаррас аст.

Ҳамзамон бо ин, имрӯз мо дар рӯ ба рӯи мушкилоту таҳдидҳои нави замони муосир қарор дорем, ки аз ҳарвақта бештар муттаҳид сохтани талошҳои муштарак ва иқдомоти ҳамоҳангшударо тақозо менамоянд.

Мисоли равшани ин таҳдидҳо мавсими камобии соли равон мебошад.

Бо сабаби боришоти ками мавсимӣ кишварҳои минтақа аллакай дучори камобӣ шуданд.

Ҳаҷми оби дарёҳо аз меъёрҳои миёнаи солона паст буда, дар мавсими обёрӣ ҳамагӣ дар ҳаҷми 60-70 фоиз пешгӯйӣ мешавад.

Чунин ҳолат ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии зичи талошҳои моро барои ҳалли ин қабил мушкилот тақозо менамояд.

Боиси хушнудист, ки солҳои охир тағйироту таҳаввулоти минтақавӣ дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, башарӣ ва дигар арсаҳо суръати мусбати пешравиро пайдо кардаанд.

Чунин вокеият, бешубҳа, барои такмили минбаъдаи ҳамкории байнидавлатӣ ва ҳалли якҷояи мушкилоти мавҷудаи минтақавӣ заминаҳои зарурӣро фароҳам месозад.

*Ҳозирини гиромӣ!*

Мушоҳидаҳои бисёрсола гувоҳӣ медиҳанд, ки таъсири тағйирёбии иқлим ба табиат ва вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ тақвият меёбад.

Тибқи ин мушоҳидаҳо, тайи шаст соли ахир ҳарорати ҳаво дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёнаи солона ба андозаи як градус аз рӯйи Селсия боло рафта, миқёсу миқдори ҳодисаҳои табиии вобаста ба обу ҳаво рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Зери таъсири ин омилҳо дар Тоҷикистон офатҳои табиӣ дар шакли обхезӣ, аз маҷрои дарёҳо баромадани об, сел, фаромадани тарма ва ярч ҳамасола ба аҳолӣ ва иқтисоди кишвар хисороти ҷиддӣ мерасонанд.

Гузашта аз ин, тайи чанд даҳсолаи охир мо тақрибан як ҳазор пиряхи хурду миёнаро талаф додем.

Бо мақсади мониторинги ин равандҳо ва андешидану татбиқ намудани тадбирҳои мутобиқшавӣ ба омилҳои тағйирёбии иқлим имсол мо дар назди Академияи илмҳои Тоҷикистон Маркази омӯзиши пиряхҳоро таъсис додем ва дар таҳкими иқтидорҳои он ба дастгирии шарикони рушд умед дорем.

Итминон дорам, ки дарояндаи наздик ин марказ дар раванди банақшагирӣ ва идораи захираҳои об на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар зинаи минтақавӣ низ саҳми арзанда хоҳад гирифт.

Ҳоло дар Тоҷикистон тақрибан 98 фоизи неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад.

Ҳукумати мамлакат оид ба мутавозин сохтани истеҳсол ва истеъмоли неруи барқ аз тариқи навсозии неругоҳҳои барқи обии амалкунанда, бунёди иқтидорҳои нави тавлиди неруи барқ ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири сарфаи он тадбирҳои ҳаматарафа меандешад.

Дар навбати худ, обанборҳои неругоҳҳо ба таъмин намудани танзими боэътимоди бисёрсолаву мавсимии ҷараёни об, пешгирии обхезиҳо ва кам кардани оқибатҳои хушксолӣ мусоидат мекунанд.

Истифодаи иқтидорҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон барои таъмин намудани кишварҳои минтақа бо неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза – яке аз асосҳои рушди “иқтисоди сабз” – метавонад ба кам кардани партовҳои газҳои гулхонӣ (карбон) ба атмосфера мусоидати ҷиддӣ намояд.

Дар робита ба ин мехостам аҳаммияти татбиқи лоиҳаи минтақавии КАСА-1000, ҳамчунин барқарор намудани фаъолияти ҳамзамони шабакаи энергетикии Тоҷикистонро бо низоми муттаҳидаи энергетикии Осиёи Марказӣ, ки имконияти интиқоли энергияи “сабз”–и моро ба ҳамсоягони дуру наздик фароҳам меоранд, зикр намоям.

Дар кишвари мо таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокии босифат ва беҳдошт чун афзалияти дигари муҳим боқӣ мемонад.

Мо аллакай ба таҳияи Барномаи нав оид ба таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокии тоза барои давраи то соли 2030 шурӯъ намудем.

Ин Барнома яке аз ҳадафҳои калидии рушди устувор – дастрасии умуми аҳолӣ ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдоштро фаро мегирад.

Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи истифодаи об, дар айни замон ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоиву иқтисодии минтақа низ нигаронида шудааст.

Дар ин замин мо омодаем, ки захираҳои бузурги оби нӯшокиамонро ба манфиатҳои умум мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳем.

Истифодаи оқилонаи танҳо захираҳои нодири кӯли баландкӯҳи Сарез, ки 17 километри кубиро дар бар мегирад, имкони таъмини дарозмуддату устувори аҳолии минтақаи моро бо оби босифати нӯшокӣ медиҳад.

Дар фарҷоми сухани худ изҳори умед менамоям, ки иштирокдорони Конфронс бо истифода аз имконоти имрӯза дар таҳияи тавсияҳои мушаххасу амалӣ ҷиҳати татбиқи босамари ҳадафҳои Даҳсолаи нав саҳми арзандаашонро хоҳанд гузошт.

Ба ҳамаи ҳозирин кори созандаву пурмаҳсул ва ба меҳмонони гиромии мо будубоши боҳаловатро дар сарзамини хуршедию меҳмоннавози Тоҷикистон орзу менамоям.

*Барои таваҷҷуҳатон сипосгузорам!*

*20.06.2018, шаҳри Душанбе*

# ПАЁМАДҲОИ ХАТАРОВАРИ ФАЪОЛИЯТИ ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲОИ ИРТИҶОИИ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МАМНУЪ ВА ФАЪОЛ ГАРДОНИДАНИ АҲОЛӢ ДАР РОҲИ МУБОРИЗА БО ОНҲО



**Абдулло РАҲМОНЗОДА,**
**раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ**
**дар вилояти Хатлон**

Пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар кишварҳои мустақили минтақаи Осиёи Марказӣ, фазои холии идеологӣ ба вуҷуд омада, ихтилоф дар байни ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни навзуҳур зери шиорҳои демократияву озодӣ ва дину мазҳабу фирқаву маҳал рӯ ба афзоиш овард.

Тақвият ёфтани ташкилотҳои радикалии исломӣ ва террористӣ, ки истифода аз эътиқоди динӣ, тарсондан ва хушунатро ҳамчун як воситаи муҳим барои татбиқи манфиатҳои худ пайгирӣ мекарданд, боиси нигарониҳои ҷиддӣ гашт.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти 17 ташкилоти террористиву экстремистӣ: "Ҳизб-ут-таҳрир", "Ал-Қоида", "Ҳаракати исломи Туркистони шарқӣ", "Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон", "Ҳаракати исломии Узбекистон", "Толибон"-и Афғонистон, "Бародарони мусалмон"-и Миср, "Лашкари Тайиба"-и Покистон, "Ҷомеаи исломии Покистон", "Ҷамоати таблиғ", ташкилоти динӣ-миссионерии "Созмони таблиғот", "Тоҷикистони озод", "Ҷамоати ансоруллоҳ", "Салафия", "Гурӯҳи 24", "ДОИШ" ва "Ҷабҳат-ан-нусра" манъ карда шудааст.

Коршиносон ба ин назаранд, ки ҳамаи ин ҳизбу ҳаракатҳо дорои як манбаву сарчашма буда, усулҳои фаъолияташон низ як умумият дорад – ноором кардани авзои сиёсии давлатҳо, сӯистифода аз бовариҳои динӣ, ба вуҷуд овардани тафриқаи иҷтимоӣ, мубориза ба фарҳангу асолати қадимаи миллатҳо, гумроҳсозии ҷавонон ва ба муқобили насли калонсол шӯронидани онҳо, бераҳмӣ, қатлу куштор, даҳшатафканӣ, фиребу фирефта кардани ҷомеа ва ғайра. Паёмади амалҳои ин гурӯҳҳои террористӣ аллакай тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ваҳшатзада кардааст – таркиш дар кӯчаҳо, бозорҳо, даруни нақлиёт ва ҳатто дохилу минбари масҷидҳо...

Аз оғози ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба яке аз мушкилоти ҷиддиву тақдирсоз-таъмини амнияти минтақавӣ ва миллӣ дучор гардид. Авҷи хатари терроризм ва экстремизм ин ҳодисаҳои марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо дар солҳои 1992–1997 мебошанд. Маҳз фитнаҳои Ташкилоти экстремистиву террористии ҲНИТ ва фирефта шудани ҷавонон ба иғвоҳои онҳо боис гардид, ки ба ҳисоби расмӣ 160 000 сокини кишвар ҳалок шуда, ҳазорҳо нафар кӯдакон ятим гаштанд, ҳазорҳо нафари дигар аз гуруснагӣ ва истеъмоли ҳар гуна донагиву гиёҳҳо ба ҳалокат расиданд. Миллионҳо нафар сокини осоишта гуреза шуда, қисме дар Афғонистон ба доми гурӯҳҳои ифротӣ афтода, нобуд гардиданд. Иқтисодиёти кишвар ба сифр баробар шуд, умеди ҷомеа азояндаи босаодату дурахшон канда шуда, халқ сарсону саргардон ва гуреза гашт, одамкушӣ ба мисли куштани чорво ба як амали маъмулӣ табдил ёфт.

Тавре аз расонаҳо огоҳем ба наздики яке аз саркардагони наҳзатчиён бо номи Сайид Қиёмиддини Ғозӣ, ё худ эшони Қиёмиддин боздошт гардида, ба як қатор гуноҳҳои кабираи худу ҳамммаслакони хоинаш иқрор шуд. Дар филми ҳуҷҷатии "Решаҳои ноаён" эшони Қиёмиддин як қатор асрори ифлоси наҳзатиён ва хоҷагони хориҷиашонро фош сохта, қайд намудааст, ки дар пушти ин ҳама дасисаҳо дастгоҳи ҷосусии Ҷумҳурии исломии Эрон ва нерӯҳои ҳарбии "Сипоҳи посдорони инқилоб"-и ин давлат меистодааст. Ҳамзамон, ошкор гардид, ки "Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон" ин номи аслии ҳизби мазкур набуда, танҳо ба хотири ҷузъе аз Тоҷикистон нишон додани худ чунин номгузорӣ шудааст. Дар асл бошад гурӯҳи наҳзатчиён бахше аз созмони мусаллаҳи террористиву экстремистии "Ҳизбуллоҳ" мебошанд, ки аз тарафи ҶИ Эрон барои тахрибкориву анҷом додани амалҳои террористӣ дар хориҷи кишварашон ташкил карда шудааст.

Дар зимн Эшони Қиёмиддин ва дигар саркардагони гурӯҳи наҳзат пинҳонӣ узви созмонҳои ҷосусии ҶИ Эрон гардида, ба як дастгоҳи иҷрои супоришҳои хориҷиён табдил ёфтаанд. Бо сӯистифода аз дину оини мардум ва бовариҳои динии ҷомеа, ки чунин шахсонро "тақводор" мешумориданд, ин тоифаи хоин аз тӯю худоӣ ва маргу шодии сокинон ба хотири расидан ба ҳадафҳои нопоки худ зери шиори "амри маъруф" супоришҳои хоҷагонашонро иҷро мекардаанд. Дар меҳвари ин супоришҳо агар аз як тараф моил кардани ҷомеа ба ақидаҳои шиагароӣ бошад, аз тарафи дигар шӯронидани мардум бар зидди ҳамдигар ва барпо кардани фитна миёни ҷомеа буд. Ба унвони мисол, яке аз ин фитнаҳо ин ҳаром эълон кардани нони омӯзгор ва ҳаром гуфтани доруву дармони табобатхонаҳо буд. Яъне мардумро нисбати ду қишри умдаи ҷомеа, ки яке масъули мафкураи солим ва дигаре масъули ҷисми солимаш ҳаст шӯрониданд.

Бо вуҷуди ҳамин гуна таҷрибаҳои талхи ҳаётӣ ҳанӯз ҳам ҳастанд бадхоҳони миллат, ки дини мардумро бар зидди мардум истифода бурдан мехоҳанд ва тавре тарғиб мекунанд, ки бо сӯистифода аз дин мардумро зидди давлату зидди ҳамдигар шӯронанд.

Аммо миллати тоҷик ин фиребро дубора намехӯрад. Аллакай сокинон раванди ҳодисаву воқеаҳо ва ҳамзамон тағйиротҳоро дар сиёсати ҷаҳонӣ бо чашми сар дида истодаанд. Мардум тафаккури таҳлилӣ дорад ва таҳлил мекунад, ки агар солҳои 1943-1988 дар кишвари мо ҳамагӣ 17 масҷид амал мекард, ҳоло дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 масҷиди марказӣ, 325 масҷиди ҷомеъ, 3 ҳазору 334 масҷидҳои панҷвақта мавҷуд аст. Ба ҳисоби миёна ба 2 ҳазор нафар аҳолӣ 1 масҷид рост меояд. То соли 1990 мусулмонони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ танҳо дар мадрасаи Мири араби Бухоро ва Донишкадаи олии исломии Тошканд имкони таҳсилоти динӣ гирифтан доштанд. Соли 1990 дар ин ду муассисаи таълимии динӣ аз ҷумҳурии мо ҳамагӣ 27 нафар донишомӯз таҳсил мекард. Ҳиссаи (квотаи) мусалмонони ҷумҳурии мо дар ин муассисаҳои таълимии динӣ хеле ночиз буд ва аз ин рӯ, то замони истиқлол дар байни мусалмонони кишвар шумораи уламои хатмкарда (дипломдор) ангуштшумор буданд. Ҳоло танҳо дар Донишкадаи олии исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам беш аз 1,5 ҳазор донишҷӯ таҳсил менамояд. Дар назди Донишкадаи мазкур гимназияи исломӣ фаъолият дошта, дар он қариб 700 нафар толибилм ба таҳсил фаро гирифта шудааст. Агар дар тӯли беш аз 70 соли салтанати шӯравӣ ҳамагӣ 30 шаҳрванди мо фаризаи ҳаҷро анҷом дода бошанд, дар давраи истиқлолият ҳазорон мусалмонони Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқу озодиҳои худ ба мартабаи ҳоҷигӣ расиданд ва ҳатто баъзеаашон 6-7 маротиба ҳаҷ карданд. Дар як сол аз давлатҳои ИҶШС ҳамагӣ то 10 нафар ба маросими ҳаҷ рафта метавонистанд. Ҳоло танҳо аз Тоҷикистон ин шумора беш аз 5000 нафар дар як сол аст.

Бо назардошти ин ва дигар нишондодҳое, ки мардум бо ақли худ дарк кардаанд, дигар ин гурӯҳҳои ифротӣ сокинони Тоҷикистонро фирефта карда наметавонанд. Чанд ҷавони бетаҷрибаеро ҳам, ки гурӯҳҳои террористиву экстримистӣ гумроҳ кардаанд, бовар дорем, аз чунин ҳаёти дарбадариву сарсонӣ ва ҳамчун хоин ном баровардан садҳо бор безор шудаанд. Ҷавонони дигар ба мисли Собиршо Ҳасанов, ки мусоҳиба ва хотираи талхи бархурдаш бо аъзои ТЭТ ҲНИТ ва Гурӯҳи 24 дар шумораи 22 (298)-и нашрияи "Ҳамрози халқ" аз АМИТ "Ховар"бознашр шудааст, ҳатто ҷони худро ба хатар мегузоранду бо онҳо ҳамроҳ намешаванд.

Дар тақвияти гуфтаҳои боло месазад қайд намоем, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро аз вазъияти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва хатарҳои он ба истиқлолияти давлатӣ ҳануз соли 2006 дар китоби худ "Тоҷикон дар оинаи таърих" ҳушдор дода буданд. Дар ин китоб ҷомеаи ҷаҳонӣ ва хоса миллати тоҷикро аз терроризму экстремизм, вусъати бесобиқаи бархурди манофеи абарқудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон, низоъҳои ақидавию мазҳабӣ, ифротгароии динӣ, тарғиби ғояҳои тахрибкориву зӯроварӣ ва ҷангу куштор (кибертерроризм), инқилобҳои ранга, терроризми генетикӣ, ки ҳамаи ин аз заиф шудани вазъи ҳуқуқи байналмиллалӣ шаҳодат медиҳад, бохабар сохта буданд.

Ҳамзамон, бо ишора ба бетарафӣ зоҳир намудани ҷомеаи ҷаҳонӣ дар пешгирӣ аз афзоиши рӯзафзуни хатарҳои ҷаҳонӣ дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017) чунин омадааст: "...Вақтҳои охир дар ҷаҳон раванди бартариҷӯӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, пайдоиши нишонаҳои марҳалаи нави "ҷанги сард" боиси нигаронӣ гардидааст". Ин эродҳои ҷиддӣ то андозае симои воқеии бархурди манфиатҳоро ошкор месозад.

Агар ба таҳқиқ ба гуфтаҳои боло бингарем, аз ҷониби дигар ин ҳушдор ба мо мардуми кишвар низ ҳаст, то бо ибратомӯзӣ аз таҷрибаи талхи давлатҳои Ғарбу Шарқ (Украина, Ироқ, Миср, Сурия...) ва талхтарин таҷрибае, ки худ аз ҷанги шаҳрвандии солҳои навадум бардоштем, дар мовароӣ ин бархурдҳо бояд зирак бошем ва дӯстро аз душман фарқ карда тавонем.

Зеро тавре медонем, чунин бадхоҳон дар симои ТЭТ ҲНИТ моҳи сентябри соли 2015 кӯшиш карданд дубора сенарияи солҳои навадуми асри гузаштаро дар Тоҷикистон такрор кунанд.

Тафтишот бо далелҳои раднопазир собит кард, ки роҳбари ТЭТ ҲНИТ М.Кабирӣ бо маслиҳати пешакӣ бо дигар аъзои раёсати олии ҲНИТ ва собиқ муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Назарзода А. бо мақсади бо роҳи зӯроварӣ ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ ва тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 20 гурӯҳи ҷиноятиро, ки ҳар кадоме то 30-нафарӣ аъзо дошт, созмон додаанд.

Далели дигар, ки гунаҳгории М.Кабирӣ ва ҳаммаслаконашро дар содир намудани ин ҷиноятҳо тасдиқ мекунад, ин иштироки бевоситаи номбурда дар маблағгузории суйиқасди табодулоти давлатӣ мебошад. Аз ҷумла 2 сентябри соли 2015 бо супориши М.Кабирӣ писараш Руҳулло бо ҳамроҳии ронандааш Сайфов Ҳ.Т. пули накдро ба маблағи 1 миллиону 200 ҳазор доллари ИМА ба хонаи Назарзода А. бурда, ба дасти ӯ супоридаанд. Баъдан маълум шуд, ки ин пулҳоро як ҳафта пеш аз ин барои анҷоми табадулот аз хориҷи кишвар ба суратҳисоби онҳо гузаронидаанд.

Шаби 3-юм ба 4-уми сентябри соли 2015 зиёда аз 150 узви иттиҳоди ҷиноятӣ бо супориш ва роҳбарии бевоситаи Назарзода А. дар дохили собиқ корхонаи нонпазӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Дониш, ки ба Назарзода А. М. мансуб буд, ҷамъ омада, бо силоҳҳои оташфишони автомат, пулемёт, гранатомёт ва дигар лавозимоти ҷангӣ ғайриқонунӣ мусаллаҳ гардиданд.

Баъдан Назарзода А. маҳз бо супориши Кабирӣ М. бо сӯйистифода аз мақоми хизматии муовини Вазири мудофиа, якҷоя бо ҳаммаслаконаш навбатдори Нуқтаи назорати гузаргоҳи Вазорати мудофиа, қисмҳои ҳарбии №17651 ва 08050-ро бесилоҳ гардонида, ба бинои маъмурии Вазорати мудофиа ва қисмҳои низомии номбурда ғайриқонунӣ ворид шуданд. Аз он ҷо миқдори зиёди аслиҳаи оташфишон, сару либоси ҳарбӣ ва лавозимоти ҷангиро бо мақсади мусаллаҳ гардонидани аъзои иттиҳоди ҷиноятӣ тасарруф намуданд.

Онҳо худи ҳамон шаб дар ҳудуди шаҳри Душанбе, ноҳияи Рӯдакӣ ва шаҳри Ваҳдат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар ҳолати иҷрои вазифаҳои хизматӣ қарор доштанд, бо истифода аз силоҳи оташфишон ҳуҷумҳои мусаллаҳона анҷом доданд. Дар натиҷа 10 хизматчии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳалокат расида, 7 нафар бо ҷароҳатҳои ҷисмонӣ дар беморхона бистарӣ гардид.

Шукр, ки ба ин амали хиёнаткоронаву хабисонаи худ даст наёфтанд, вагарна вазъият аз солҳои 90-ум дида вазнинтар мешуд. Зеро бо дахолати бештари гурӯҳҳои манфиатхоҳи хориҷӣ дигар ин оташи ҷангро дар зарфи сад сол ҳам хомӯш карда намешуд.

Ҷойи таассуф ин ҷост, ки ҳанӯз ҳам баъзан ҷавонони мо дар доми фитнаҳои онҳо қарор доранд. Ин нафарони бахтбаргаштаро наҷот додан хеле душвор аст. Зеро онҳо дар торҳои анкабути хоинонаи хоҷагони хориҷии ТЭТ ҲНИТ ва "Гурӯҳи 24" чунон печидаанд ва чунон мағзшӯӣ шудаанд, ки ҳоло аз манқурт фарқашон карда намешавад. Барои онҳо ягон арзишу муқаддасот вуҷуд надорад – на давлату миллат, на падару модар ва на дину имон. Ин фитнагарони "кӯчанамозхон"-ро агар хоҷагонашон супориш диҳанд, ба хотири фитнаи бештар афкандан ва аз дини мардум сӯистифода кардан ҳозиранд Қуръонро дар миёни кӯча оташ зананд ва боз либоси дигар пӯшида алайҳи ин амал норозигиву нооромӣ барпо намоянд. Инҳо ба дарди бедавое гирифтор шудаанд, ки номаш "дарди хиёнат" аст. Онҳо бо Иблис умумиятҳои зиёд доранд ва якеаш ин аст, ки гуноҳи онҳо нобахшиданист. Аз ин рӯ бо дарки ин маънӣ, ки онҳо аз марзи гуноҳи кабира аллакай гузаштаанд, мисли Иблис боқии умри худро дар пайи кӯшиши гумроҳсозии мардум сипарӣ мекунанд. Агар дар ТЭТ ҲНИТ шайтонкалонҳо ҷамъ омада бошанд, пас аъзои "Гурӯҳи 24" шайтонбаччаҳои онҳоанд, ки новобаста аз номашон ҳадафҳои нопоки муштарак доранд – барҳам задани ваҳдату субот дар ҷомеа.

Имрӯз аксарияти ҷавонони мо ҳушёру зирак ва аз авзои сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ бохабаранд. Зимнан, ҷавонон бояд донанд, ки таъсису дастгирии чунин гурӯҳҳо дар хориҷӣ кишвар бо мақсади заиф сохтани пояҳои Истиқлолияти Тоҷикистон равона шудааст ва ҳамчун фарзандони баномуси Ватан ҳеҷ гоҳ ба ин роҳ надиҳанд. Ҷавонони саодатманди тоҷик, ки дар фазои сулҳу оромӣ кору зиндагӣ ва таҳсил карда истодаанд, бояд бо шукргузорӣ дар пайи ватансозӣ бошанд ва ба иғвову дасисаҳои миллаткуши ин хоинону асолатбохтагон дода нашаванд.

Дар охир месазад қайд намоем, ки дар масоили давлатсозиву давлатдорӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ на бояд ба умеди касеву чизе шуд, зеро аз лиҳози маънавию сиёсӣ касе бештар аз худи миллати тоҷик манфиатдор нест, ки хонаи умеди мо – Тоҷикистонро обод кунад ва бузургтарин манфиати миллӣ-Истиқлолияти давлатиамонро ҳифз намояд.

Мо низ дар навбати худ ҳамчун соҳибватанони асил ва содиқ ба Пешвои миллат талош бояд варзем, то он ҳама масъулияте, ки дар роҳи ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба мо бовар кардаанд, сарбаландона иҷро кунем. Дар ин росто аҳли ҷомеа, хусусан аъзои фаъоли ҲХДТ-ро зарур аст чораҳои дахлдор андешида:

-Амалу рафтори гурӯҳҳои ифротиро маҳкум намоянд ва бар зидди унсурҳое, ки ба Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллии мо таҳдид мекунанд, муборизаи беамон баранд;

-Аз роҳи фаҳмонидани оқибатҳои мусибатовари шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ ҷавононеро, ки ба доми чунин гурӯҳҳо афтодаанд, ё дар раванди моилшавию шомилшавӣ қарор доранд, ба роҳи дуруст баргардонанд;

-Тавассути хонишҳои сиёсӣ ва дигар чорабиниҳои маърифатӣ-фарҳангӣ ҷавонони деҳот ва махсусан он ҷавононе, ки муваққатан бекор ҳастанд ҷалб карда, бо онҳо суҳбатҳои муфид анҷом диҳанд;

-Ҷавононро ба кор дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, корҳои хонагӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва соҳибкорӣ ташвиқ намоянд;

-Истифодаи босамар аз васоити ахбори оммаи электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоиро ба ҷавонон фаҳмонанд;

-Маҳфилҳои илмӣ-адабӣ (масалан, маҳфили "Шоҳномахонӣ") ташкил намуда, дар баланд гардидани ҳисси худшиносии миллии ҷавонон саҳм гузоранд;

-Бо ташкили саёҳати дохилӣ ҷиҳати шиносоии ҷавонон аз мавзеъҳои таърихӣ дар огоҳ шуданашон аз гузаштаи пурифтихори Ватан мусоидат намоянд ва ғайра.

ДАР РОСТОИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

# ОБОДОНИВУ ПЕШРАВИҲО АЗ НИЯТҲОИ СОЗАНДА ОҒОЗ МЕГАРДАНД



Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Узун” бо иштироки кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ вохӯрӣ баргузор гардид.

Зимнан, масъулин атрофи суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо намояндагони ҷомеаи кишвар, иштирок дар семинар-машварати кишоварзони вилояти Хатлон, самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ андешаронӣ намуданд.

Инчунин, дар ин раванд баромадкунандагон оид ба ҳадафҳои Барномавӣ ва Оинномавии ҲХДТ, эълон шудани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим, пешгирӣ аз беморихои сироятӣ, риояи ҷиддии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия, саҳм гузоштан дар корҳои ободониву созандагӣ бахри пешрафту шукуфоии Ватан, аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намудан дар тарбияи дурусти фарзандон суханронӣ карда, иштирокдоронро ҷиҳати амалигардонии сиёсати дурандешонаи Роҳбари давлат ва ҳадафҳои созандаи ҲХДТ даъват намуданд.

*н.Ҷ. БАЛХӢ*



# МАРДУМ БА СОЗАНДАГИВУ БУНЁДКОРӢ РӮ ОВАРДААСТ

Тибқи ҷадвали тасдиқнамудаи Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб дар ҳамаи деҳаву маҳаллаҳои ҷамоати деҳоти ба номи Абдӣ Авази ноҳияи Восеъ суҳбату мулоқотҳо баргузор гардида истодааст.

Ин навбат, бо иштироки кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Восеъ дар маҳаллаи Гулободи ҷамоати деҳоти зикргашта бо мардуми заҳматкаши ин маҳалла вохӯрӣ доир карда шуд. Дар ин вохӯрӣ мутахассиси шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Восеъ Ситамова Роҳила дар назди ҷамъомадагон атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ суханронӣ намуда, иброз дошт, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон фаъолтарин ҳизби сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва имрӯз тасмим гирифтааст бо тамоми сокинони деҳаю маҳаллаҳои ҳудуди ноҳия вохӯрию суҳбатҳо доир намояд ва бо мақсади боз ҳам наздик шудан бо сокинон дар деҳаҳо ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ таъсис диҳанд. Инчунин, зимни суханронӣ оид ба хоҷагидорию кишоварзӣ ва корҳои хонагию ҳунарҳои мардумӣ, омили паст кардани шиддати бекорӣ ва баланд намудани сатҳи некӯаҳволӣ андешаронӣ карда шуд. Дар охир сокинони маҳаллаи Гулобод ҷонибдории хешро аз сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар ва роҳнамоии хирадмандонаи Пешвои миллат баён карда, омодагиашонро дар самти татбиқи ҳадафҳои он баён доштанд.

*н.ВОСЕЪ*

# АМНИЯТУ ОСУДАГӢ БУЗУРГТАРИН НЕЪМАТ АСТ



Дар асоси нақшаи корӣ Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия дар Кумитаи замини ноҳия оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон суҳбат доир карда шуд.

Дар суҳбат мудири шуъбаи ташкилии Кумитаи иҷроия Ҷамолиддин Қаюмов дар бораи вазифаҳои аз Паём бароянда, хавфу хатари ба ҷомеадоштаи терроризму ифротгароӣ, экстремизм, коррупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуб сухан ронд. Мавсуф аз раванди Конфронси байналмилалӣ дар сатҳи баланд дар мавзӯъи «Муқовимат ба терроризм ва ифротгароии хушунатомез» ёдовар шуд, ки дар он ҷомеаи ҷаҳонӣ бори дигар аз таҳдиди терроризму ифротгароӣ ва оқибатҳои фоҷиабори он огоҳ гардиданд.

*н.ХОВАЛИНГ*

# КОРРУПСИЯ ЯКЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ДОҒИ ЗАМОНИ МУОСИР



Кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара бо аҳолии ҷамоати шаҳраки ноҳияи Данғара атрофи пешгирӣ аз коррупсия, тарбияи дурусти фарзандон ва риояи қонунҳои миллӣ суҳбату вохӯрӣ доир намуданд.

Дар рафти суҳбат раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара Каримов Пирмаҳмад доир ба коррупсия, ки яке аз масъалаҳои мушкил ва доғи замони муосир ба ҳисоб рафта, он садди роҳи рушду инкишофи давлат мегардад ва риояи қонунҳои миллӣ аз тарафи аҳолӣ ва зарурати дар амал татбиқ намудани қонунҳои мазкур ҳамчун манбаи пешгирӣ аз исрофкорӣ, ки бевосита ба манфиати аҳолӣ буда, ба беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат менамояд, ибрози андеша намуд.

*н.ДАНҒАРА*

# ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ ҲАМЧУН ПАДИДАҲОИ НАҲС БА ҲАМАИ СОҲАҲО ЗАРАРИ ХУДРО МЕРАСОНАНД



Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Тоҷикстандарт» тибқи нақшаи корӣ маҷлиси ҳизбӣ баргузор гардида, дар он намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар Қаххоров Искандар ва Исоев Фаррух иштирок карданд.

Нахуст Қаххоров Искандар оид ба пешгирии ҷавонон аз гаравиш ба гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ, мубориза идеологӣ бар зидди хурофотпарастӣ суханронӣ намуда, қайд кард, ки ҷомеаи муосир, ки пур аз таҳаввулоту бархурдҳо ва рақобати давлатҳои абарқудрат дар васеъ кардани доираи нуфузи худ дар ҷаҳон шиддат мегирад, падидаҳои экстремистиву террористидоштаро низ дар шаклу қолабҳои нави харобиовар зуҳур карда истодаанд.

Терроризму экстремизм падидаи нав нест, аммо солҳои охир ба вабои аср ва омили хушунату ваҳшат ва таҳдид ба амнияти ҳар як кишвар ва сокинони сайёра табдил ёфтааст.

Аз ин рӯ ҷиҳати ҳифзи мафкураву маънавиёти ҷомеа ва дар миён начот бахшидани кишвар аз оқибатҳои нангбору мусибатовари ин зуҳуроти номатлуб лозим донистем мавзӯъи мазкурро то ҷое таҳлилу баррасӣ намоем.

Мутаассифона, терроризму экстремизм дар замони мо хусусияти ҷаҳонӣ касб карда, ҳизбу ҳаракатҳо ва созмонҳое ҳастанд, ки кӯшиш менамоянд, мақсаду маром, ғояву андеша, афкор ва нақшаҳои худро бо ҳар роҳу васила ва ҳатто бо усулҳои ғайриинсонӣ ба амал оварда, кишварҳои ободу пешрафтаро ба харобазор табдил диҳанд.

*ш. БОХТАР*



# ҲХДТ-ТАРҒИБГАРИ АФКОРИ СОЛИМ ДАР ҶОМЕА

Тибқи нақшаи тасдиқшудаи вохӯриву мулоқотҳои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Дӯстӣ гурӯҳи таблиғотии ҳизбӣ бо кормандони ташкилоти ибтидоии ҳизбии «20-солагии Истиқлолият»-и ноҳия вохӯрӣ доир намуданд.

Масъулин зимни баромади хеш оид ба мулоқоти Пешвои миллат бо аҳли зиёи кишвар ва ҳамчунин дар бораи пешгирии хатари бемории ВНМО, ки айни замон таҳдидаш ба вазъи саломатии мардум нигаронкунанда аст, иқтибосу мисолҳо оварда, иброз доштанд, ки вируси норасоии масунияти одам системаи муҳофизаткунандаи организмро суст менамояд.

Нафарони дар вохӯрӣ ширкатдошта, ки табибону дастёрӣ кӯмакрасони мардумон ҳастанд, илова намуданд, ки табиби ҳар як шахс ва ё ин ки ҳар як бемор пеш аз ҳама худи ӯст. Барои мубтало нашудан ба бемории ВНМО ҳар як инсон бояд саломатии хешро эҳтиёт кунад. Эҳтиёт дар зиндагӣ нисбат ба саломатӣ на ин ки танҳо ба саломатӣ, балки дар ҳама равандҳои ҳаёт самараи пурбаракати зиёд хоҳад овард.

*н.ДӮСТӢ*

# ДОНИШ ТАЛАБУ БУЗУРГӢ ОМӮЗ...



Бо ташаббуси роҳбари намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар ноҳияи Вахш Файзулоев Ҳабибулло бо иштирокчиёни озмуни «Хонандаи беҳтарини сол» дар назди шуъбаи маорифи ноҳияи Вахш ҷорабинии ҳизбӣ доир карда шуд.

Зимни мулоқот Файзуллоев Ҳабибулло дар назди ҷамъомадагон қайд намуд,ки дониш ҷароғи ақл, қуввати дил, дороиву сарват ва ҷавшани бузургест, ки касро аз ҳама гуна ранҷу азоб кулфату дард ва афсурдагиву эҳтиёҷ дур месозад.

Шахси донишманд дар ягон давру замон ба душвориҳо рӯ ба рӯ намешавад, зеро дониши бузургаш ӯро ба роҳи росту самарабахш раҳнамун месозад.

Илм омухтан дар хурдӣ нақшест рӯи санг, ки ҳаргиз зудуда намегардад. Пас биёед дар талаби илм бикушем ва ҳамеша омӯзем, ки баракати илм дар омӯхтани он аст.

*н.ВАХШ*

# ДАР ОБОДОНИИ ВАТАН САҲМГУЗОР БОШЕМ



Чанде қабл бо иштироки аҳли заҳмати деҳаи Дарагии ҷамоати деҳоти ба номи Ҳасан Ҳусейнов вохӯрӣ баргузор гардид.

Дар вохӯрии мазкур мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон иштирок ва суханронӣ намуд.

Дар вохӯрӣ аз ҷониби намояндаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия М. Солиҳов оид ба ободонии маҳал, сабзу хуррамгардонии он, тоза намудани ҷӯйю заҳбурҳо, сафед намудани девору атрофи манзилҳои истиқоматӣ, иштирок ва саҳм гузоштан дар корҳои ободонӣ, тарбияи дурустӣ фарзандон, тарғиби арзишҳо ва фарҳанги миллӣ, пешгирии ҷудошавии оилаҳои ҷавон ва ғайра андешаронӣ карда шуд.

Инчунин, аз ҷониби М.Солиҳов оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ аз ҷумла ВИЧ/СПИД, роҳҳои гузариши он, пешгирии аз паҳншавии ин бемориҳо, пешгирии таваллуд дар хона андешаронӣ карда шуд.

Дар охири маҷлиси мазкур дар назди Дарағӣ ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Муборакқадам» таъсис дода шуда, Маҳмудов Салоҳиддин раиси ташкилот интихоб карда шуд.

*н.ЁВОН*

# ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН-ТАРҒИБГАРИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ



Бо мақсади баррасии Паёми имсола гурӯҳи корӣ таблиғотии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён таҳти роҳбарии раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён Шарифзода Махмадаюб дар деҳаи Гузари болои ҷамоати шаҳраки Қубодиён бо сокинон вохӯрӣ доир карда шуд.

Дар вохӯрии мазкур зикр гардид, ки соли ҷуёом аст Пешвои миллат Паёми худро дар поёни соли милодӣ ироа менамоянд, ки он ҳамчун як барномаи мукаммали солонаи ҳар як фарди тоҷикистонӣ маънидод гардида, нақшаву вазифаҳои навбатӣ ваояндаро барои расидан ба ҳадафҳои назарас бо мақсади таъмини рушди устувори рӯзгори мардум қарор мегирад.

Дар Паёми худ Пешвои миллат ибрoз доштанд, ки "Нишондиҳандаҳои рушди нерӯи инсонӣ аз се самти асосӣ - дастрасӣ ба таҳсилот, тандурустиву дарозумрӣ ва сатҳи шоистаи зиндагӣ иборат мебошад" ва тасдиқи ин гуфтаҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳия ва қабули барномаҳои давлатӣ тадбирҳои судмандро амалӣ менамояд.

Ҳамчунин, оид ба эълон намудани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ сухан намуда, вобаста ба самтҳои афзалиятноки рушди ҳунарҳои мардумӣ ва дар ин ҷода беҳбудӣ бахшидан ба сатҳи некӯаҳволии мардум сухан намуда, даъват бар он карда шуд, ки барои рушд додани ҳунару анъанаҳои миллии хеш ва омӯзонидани ҳунар ба насли наврас саҳмгузор бошанд.

*н. ҚУБОДИЁН*

# НИШОТИ РӮЗГОРУ ЗИНДАГИИ МО АЗ ОРОМИИ КИШВАР МАНШАЪ МЕГИРАД

Дар самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ ва сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи ватандӯстӣ яке аз унсурҳои асосиро ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин, дар ҷамоати деҳоти Даҳана бо иштироки васеи сокинони ҷамоат, аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ вохӯрӣ баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Валиева Саъбагул ва раиси ҷамоати деҳоти Даҳана Сироҷов Меҳриддин иштирок ва баромад намуданд.

Зимнан, Валиева Саъбагул ба сухан баромада, гуфт, ки тақдири миллат, ободиву осудагӣ ва ҳифзи ин марзу бум аз ҳар як сокини кишвар, новобаста аз миллат, нажод ва эътиқоди динӣ вобастагии калон до-



шта, ҳар яки моро водор месозад то дар роҳи таъмини суботу амнияти он доимо талош варзем. Зеро ҳастии мо бо ҳастии Ватани маҳбубамон пайваста буда, нишоти рӯзгору зиндагии мо аз оромии кишвар маншаъ мегирад. Мавсуф таъкид намуд, ки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар миёни ҷавонон танҳо ба мавсимҳо маҳдуд нашуда, балки дар ин самт пайваста корбарӣ карда шавад.

Дар робита ба ин зикр гардид, ки дар сипари боэътимоди ҳар давлат ва сарҷашмаи сулҳу амнияти он аз Қувваҳои мусаллаҳаш мансуб меёбад. Ҳар як давлат маҳз ба воситаи Артиши худ тартиботу амниятро таъмин месозад. Фаъолони ҷомеаро дар ин миён мебояд ба ҷавонон ин нуктаро фаҳмонанд, ки хизмат ба Ватан-Модар қарзи фарзандӣ ва имониву виҷдонии ҳар як ҷавонмарди бонангу номус буда, мактаби бузурги тарбияи ирода, ҷасорат, шуҷоат ва ватандорӣ ба ҳисоб меравад.

*ш. КӮЛОБ*

# САҲМ ГУЗОШТАН ДАР КОРҲОИ ОБОДОНИВУ СОЗАНДАГӢ БАҲРИ ПЕШРАФТУ ШУКУФОИИ ВАТАН



Кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант бахшида ба 21-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар шоҳроҳи марказии шаҳр дар якҷоягӣ бо аъзо ва ҷонибдорони ҳизб барои тозаю озода намудани кӯчаҳои шаҳр, нарм намудани бехи гулу гулбуттаҳо камари ҳиммат бастанд. Инчунин, дар корҳои созандагиву бунёдкорӣ кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант иштирок дошта, дар тозаю озода намудани роҳраву ҷӯйҳои обгузар аз партову алафҳои бегона саҳми арзанда гузоштанд. Чунин ҳашарҳои умумӣ дар ҳудуди шаҳри Левакант бо ҷалби аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ идома доранд.

*ш.ЛЕВАКАНТ*

# ВОХӮРҲОИ МАНФИАТОВАР БО НАСЛИ ОЯНДАСОЗИ МИЛЛАТ

Масъулони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Фарҳор ва раиси Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб Назаров Алиҷон бо хонандагони синфҳои болоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и деҳаи Марғзори ҷамоати деҳоти Ғалаба вохӯрӣ доир намуданд.



Дар мулоқот масъулин ҷиҳати тарбияи насли ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ ва илмомӯзӣ, ба ҷо оварда-ни ҳурмату эҳтироми падару модар ва бузургсолон, қавӣ кардани мафкураи хонандагон оид ба хатарҳои терроризму ифротгароӣ ва роҳҳои пешгирии ҷавонон аз гаравидани ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва истифодаи дурусти интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ва интихоби дурусти касб суханронӣ намуданд.

*н. ФАРҲОР*

## ДАР РОСТОИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ



# ҲАДАФҲОИ СОЗАНДАИ ҲХДТ ДАР МАҲАЛ ТАТБИҚ МЕШАВАНД

Дар деҳаи Дараи Ҳаваши ҷамоати деҳоти ба номи Шамсиддин Шоҳини ноҳияи Муъминобод бо иштироки маткунандагон ва фаъолони деҳаи мазкур маҷлиси ҳизбӣ баргузор гардид.

Дар маҷлис раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Муъминобод Салоҳиддин Мирзобаротов ва мудири бахши кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия Шаҳло Разоқова иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимнан Салоҳиддин Мирзобаротов атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, шарҳу тавзеҳи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасии нуктаҳо асосии мулоқоти Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли ҷомеаи кишвар, мубориза бар зидди терроризм, муқовимат бо коррупсия, афзоиши сафи ҳизб, зиёд намудани шумораи ташкилотҳои ибтидоӣ, рушду равнақ додани ҳунарҳои мардумиро баррасӣ намуд.

Дигар шахсони мутассадӣ оид ба масъалаҳои номбурда андешаронӣ карда, аз ҷамъомадагон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани сиёсати Пешвои миллат ва ҳадафҳои созандаи ҲХДТ даъват ба амал оварданд.

*н.МУЪМИНОБОД*

Кормандони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён дар ҳудуди шаҳраку деҳоти ноҳия ҷиҳати боз ҳам густариш бахшидани иртибот бо мардум ва ҷалби омма дар амалӣ намудани ҳадафҳои ҲХДТ ва оид



# САТҲИ ОГОҲИИ МАРДУМ ВОБАСТА БА АВЗОИ СИЁСИИ ҶАҲОН БАЛАНД ГАРДИДА ИСТОДААСТ

ба тақвият бахшидани робита бо маҳал бо мардум мулоқоту вохӯриҳо баргузор намуда истодаанд.

Ҳамзамон, вохӯрии навбатӣ дар ташкилоти ибтидоии "Маорифчиён" бо иштироки кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кӯшониён оид ба иҷрои талаботҳои Қонунҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваҳдати миллӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим, пешгирӣ аз паҳншавии бемориҳои сироятӣ, тарғиби фарҳанги миллии тоҷикон, Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, терроризму экстремизм, тарбияи ҷавонон дар руҳияи инсондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ва ватанпарварӣ, мардумро муттаҳид намудан дар атрофи ҲХДТ- ҳизби созандаву бунёдкор ва инчунин мазмуну муҳтавои суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҳизбамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқотҳо бо намояндагони ҷомеаи кишвар ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон, дар мавзӯи "Ислом набояд бо ғаразҳои сиёсӣ омехта карда шавад" аз 12 майи соли 2018 ва иштироки Пешвои миллат дар семинар-машварати кишоварзони вилояти Хатлон дар ноҳияи Данғара аз 2 июни соли 2018 баргузор гардид, ба ҳозирин расонида шуд.

Дар охир ба иштирокчиёни вохӯрӣ маводҳои таблиғотӣ дастрас карда шуданд.

*н.КӮШОНИЁН*



# ҲУНАР ҲУСНИ ИНСОН АСТ

Тибқи нақшаи тасдиқнамудаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Норак оид ба дастуру ҳидоятҳое, ки аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷомеаи кишвар ва иштирок дар семинар-машварати кишоварзони вилояти Хатлон бармеояд, дар ташкилоти ибтидоии "Чал-Чал" бо бонувон ва ҷавондухтарон вохӯрӣ доир карда шуд.

Дар асоси дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки соли 2018-ро ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон кардааст, занону бонувони моро зарур аст, ки баҳри рушди ҳунарҳои миллӣ дар байни ҷавондухтарон ҳунарҳои мардумиро бозҳам сайқал дода, кӯшиш намоянд, ки ҳунарҳои фаромӯшударо аз нав эҳё карда, дар дили ҷавонон завқи ҳунаромӯзӣ ва касбомӯзиро ҷой диҳанд.

Мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳр Ғафурзода Фирдавс зикр намуд, ки эълон гардидани соли 2018 дар кишвар ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ боз як дастгирии бензир аз ҷониби Пешвои миллат дар ин самт маҳсуб меёбад.

Иқдоми навбатии Раиси муаззами ҳизб барои ҷавонони ҳунарманд боз як имкониятест, ки ҳунарҳои дӯстдоштаи худро сайқал диҳанд.

*ш. НОРАК*

Вобаста ба иҷрои нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардидаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Носири Хусрав бахшида ба иди Ваҳдати миллӣ Аксияи ҳизбӣ таҳти унвони «Ҳамватанони маъюбу бепарастор зери таваҷҷӯҳ ва дастгирии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон қарор доранд!» баргузор намуда, ба маъюбони бистарии ноҳия вобаста ба имконияти молиявӣ кӯмак расонида шуд.

Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Носири Хусрав ба маъюби бистарӣ, сокини маҳаллаи Мирзоободи ҷамоати деҳоти Наврӯзи ноҳия Ҷумаев Мансурбек маводи хӯрока



# ҲАМВАТАНОНИ МАЪЮБУ БЕПАРАСТОР ЗЕРИ ТАВАҶҶӮҲ ВА ДАСТГИРИИ ҲХДТ ҚАРОР ДОРАНД!

ба миқдори 500 сомонӣ кӯмак расонид, ки чунин иқдоми неку ватандӯстонаи ҳизбиён бори аввал набуда, дар арафаи иду ҷашнҳо пайваста роҳандозӣ карда мешавад.

*н.Н. ХУСРАВ*

ДАР РОСТОИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

## ҶАВОНОНРО ДАР РӮҲИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ТАРБИЯ МЕКУНЕМ



Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин дар деҳаи Дараи Эмоми ҷамоати деҳоти Доғистон бо иштироки кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия вохӯрӣ дар мавзӯъҳои мубрами рӯз, аз қабили терроризм, экстремизм, коррупсия ва шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ баргузор гардид. Ҳамчунин, қайд гардид, ки ҷавононро бояд дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намоем.

Вохӯриро мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Неъматов Абдуҷаббор кушода, мақсаду мароми ҳузур ва ташрифи кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияро ба сокинони деҳаи мазкур фаҳмонида, оид ба масъалаҳои мубрами рӯз изҳори андеша кард.

*н.Ш. ШОҲИН*

Самаранокии кори ҳар як Кумитаи иҷроия аз фаъолияти хуби ташкилотҳои ибтидоияш вобаста мебошад. Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Панҷ бо мақсади вусъат бахшидани фаъолияти ташкилотҳои ибтидоии ҳизб тадбирҳои муфидро рӯйи кор гирифтааст.



## ВОХӮРӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ БО МАҚСАДИ РАСОНИДАНИ ЁРИИ МЕТОДӢ

Бо ҳамин ният барои расонидани ёрии методӣ ва шиносоӣ бо тарзи ҳуҷҷатгузорӣ дар ташкилоти ибтидоии «Шифо» - и назди беморхонаи марказии ноҳия бо иштироки муовини аввали раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Панҷ Носиров Ёғибек ва мудири шуъбаи ташкилӣ ва ба ҳисобгирӣ Ҳошимов Тоҳир вохӯрӣ бо роҳбарият ва фаъолони ин ташкилоти ибтидоӣ баргузор гардид.

Зимни шиносоӣ бо ҳуҷҷатгузории оид ба фаъолияти ташкилоти ибтидоии «Шифо» маълум гардид, ки ин ташкилот дар асоси Оиннома ва барномаҳои ҲХДТ ҳуҷҷатнигории худро ба роҳ монда, яке аз ташкилотҳои фаъол ва намунавӣ дониста мешавад.

Ҳуҷҷатдорӣ, аз қабилӣ китоби бақайдгирии аъзо, нусхаи ҳисоботҳои молиявӣ, протоколҳои маҷлисҳои ташкилоти ибтидоӣ, нақшаи қабул ба сафи ҳизб ва иҷроиши он, ҳуҷҷатҳои воридотию содиротӣ ва ғайра дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудаанд.

Ҳамзамон, дар ин рӯз аз ҷониби масъулони Кумитаи иҷроия ба ташкилот маводҳои гуногун, аз қабили Оиннома, барномаҳои ҳизб, китобу буклетҳои хусусияти тарғиботию ташвиқотидошта, нишони сарисинагӣ ва парчамҳои ҳизбӣ тақдим карда шуданд.

Дар охир ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти ташкилоти мазкур аз ҷониби кормандони Кумитаи иҷроия маслиҳату машваратҳои муфид ба масъулони ташкилот дода шуд.

*н.ПАНҶ*

## ИҶРОИ ТАЛАБОТИ ҚОНУН ҚАРЗИ ВАТАНДОРИИ МОСТ



Бо ибтикори Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб Маҳмадсаид Раҷабзода ва дигар шахсони муттассадӣ бо сокинони деҳаи Қарақамиши ҷамоати деҳоти Қарақамиши ноҳияи Темурмалик вохӯрӣ баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ мақсади асосӣ ташвиқу тарғиби самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, инчунин ташвиқу тарғиби суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар аз 12-майи соли 2018, суханронии Пешвои миллат дар семинар-машварати кишоварзони вилояти Хатлон, ки дар ноҳияи Данғара баргузор гардид, ба ҳисоб мерафт.

Нахуст, Раҷабзода Маҳмадсаид атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар аз 12-майи соли 2018, суханронии Пешвои миллат дар семинар-машварати кишоварзони вилояти Хатлон, ки дар деҳаи Чорсадаи ноҳияи Данғара баргузор гардида буд, муфассал андешаронӣ намуда, моҳияти дастуру супориш ва ҳидоятҳои Пешвои миллатро ба сокинон фаҳмонид.

Дар идомаи суҳбат шахсони муттассадӣ оид ба эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, огози Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» иҷрои талаботи қонунҳои миллӣ ва дигар масоили муҳим андешаронӣ намуданд.

*н. ТЕМУРМАЛИК*

## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТИ ҲХДТ ТАТБИҚ ШУДА ИСТОДААНД



Тибқи ҷадвали тасдиқгардидаи баргузории вохӯриву мулоқот дар корхона, муассиса, ташкилот ва деҳаю маҳаллаҳои ноҳияи Хуросон бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Хуросон Саидзода Раҳмон Азим ва раиси ташкилоти ибтидоии «Кишоварз» Аҳмадзода Илҳом бо аъзо ва кормандони ташкилоти номбурда вохӯрӣ баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ Саидзода Раҳмон оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, ҳадафҳои барномавии ҳизб, нисбати сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ дар самти мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо масъулини мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, намояндагони фаъоли соҳаҳои иҷтимоӣ, олимон, зиёиёни эҷодкор ва ходимони дин, ки аз 12 майи соли 2018 бармеояд, инчунин оид ба сафари кории Пешвои миллат дар ноҳияҳои Данғара ва Темурмалик ки аз рӯзи 2 июни соли равон бармеояд, суханронӣ намуд.

Баъд аз баргузории вохӯрӣ Саидзода Раҳмон бо тарзи ҳуҷҷатгузорӣ, ташкили шиору овезаҳои ҳизбии ташкилоти ибтидоии «Кишоварз» шинос гардида, оид ба бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба шахсони муттасаддӣ тавсияҳои судманд дод.

*н. ХУРОСОН*

## СОЛИМИИ МИЛЛАТ – БОИГАРИИ ДАВЛАТ АСТ



Мудири шуъбаи ташкилӣ ва баҳисобгирии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ Сафаралӣ Шарифзода ва мутахассиси шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Фирӯз Пиров бо аъзои ташкилоти ибтидоии «Бобуна» вохӯрӣ гузарониданд.

Зимни баргузории вохӯрӣ Сафаралӣ Шарифзода оид ба фаъол гардонидани шаҳрвандон ва ҷалби бештари онҳо ба соҳибкорӣ, корҳои хонагию ҳунарҳои мардумӣ, баланд бардоштани маърифат ва масъулияти шаҳрвандон ба мақсади пешгирӣ аз паҳншавии бемориҳои сироятӣ суҳбат намуд.

Фирӯз Пиров дар бораи риояи кардани Қонунҳои миллӣ ва дар ин замина дуруст сафарбар кардани корҳои хайру сахо ба хотири рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангии ҷомеа, инчунин дар бораи фаъолгардонии аҳолӣ дар самти мубориза бо нашъамандию нашъаҷаллобӣ ҳамчун зуҳуроти хатарзо ба амнияти миллӣ ва ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон бо ҷамъомадагон суханронӣ намуд.

*н.ҲАМАДОНӢ*

## ҲХДТ БА ҚУДРАТИ СОЗАНДАИ ХАЛҚ ТАКЯ МЕКУНАД



Бояд қайд намуд, ки мутобиқи дастуру супоришҳои раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Раҳмонзода Абдулло Курбоналӣ, оид ба самтҳои асосии фаъолияти ҲХДТ дар яке аз маҳаллаҳои аз маркази ноҳия дурбуда, шаҳраки Навободи ҷамоати деҳоти Ифтихори ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, вохӯриву суҳбатҳоро бо иштироки қишрҳои гуногуни маҳаллаи мазкур баргузор намуданд, ки дар баробари шарҳу тавзеҳ ва татбиқи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохӯрии мазкур нисбати мавзӯъҳои баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум аз хатари терроризму экстремизм ва роҳҳои ҷалби шаҳрвандон ба ташкилотҳои экстремистиву террористӣ, пешгирӣ аз хатари ҳизбу ҳаракатҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнуъ ва ба амнияти кишвару аҳолии он хатарзо, аз байн бурдани таассуби динӣ ва хурофот бо мақсади таъмини солимии ҷомеа, пешгирӣ аз бегонапарастиву майл ба фарҳанги бегона ва оқибатҳои манфии он ба ҳувияту асолати миллӣ, тарғиби нақши урфу одат ва анъанаҳои неки мардумӣ дар тарбияи ахлоқиву маънавии ҷомеа, пешгирӣ аз истифодаи нодурусти технологияи муосир ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун хатар ба амнияти миллӣ, чорaандешӣ ҷиҳати дар миёни аҳолӣ ба вуҷуд овардани ҳисси муқовимат бо коррупсия ҳамчун омили хатарнок, ба роҳ мондани мубориза бар зидди нашъамандиву нашъаҷаллобӣ ҳамчун вабои аср, ба роҳ мондани корҳои тарғиботӣ ҷиҳати пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ ба хотири таъмини солимии ҷомеа, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон ва ҷалби онҳо ба хизмати ҳарбӣ, тарғиби риояи қонунҳои миллӣ ва дуруст сафарбар кардани корҳои хайру сахо ҳамчун асоси рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангии ҷомеа ва бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни шаҳрвандон дар самти паст кардани сатҳи бекориву камбизоатӣ дар заминаи рушди соҳибкорию хоҷагидорӣ ва корҳои хонагӣ низ маълумотҳои судманд дода шуд.

*н. А. ҶОМӢ*

## ҶАҲДУ ТАЛОШИ МО БАРОИ НЕКӮАҲВОЛИИ ХАЛҚ АСТ



Корманди масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шаҳритуз Ҳуҷаев Саидаҳмад бо кормандони ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Байторӣ» вохӯрӣ баргузор намуд.

Дар вохӯрӣ Саидаҳмад Ҳуҷаев оид ба дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолони кишвар, иштирок дар семинар-машварати кишоварзони вилояти Хатлон ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ андешаронӣ намуда, моҳияту муҳтавои дастуру супориш ва ҳидоятҳои Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба иштирокдорон фаҳмонид.

Ҷамъомадагон суханрониҳои судманди мавсуфро якдилона ҷонибдорӣ карда, зикр карданд, ки дар амалӣ намудани дастуру супоришҳои Раиси муаззами ҲХДТ ва ҳадафҳои созандаи он саъю талош менамоем.

*н. ШАҲРИТУЗ*

БА МУНОСИБАТИ СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

# НОРАК ШАҲРИ МУЪҶИЗАҲОСТ!

## *ё чи гуна як деҳкада ба шаҳри саноатӣ табдил ёфт?*

Соли 2018 Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардида, дар ин росто шаҳри Норак чи аз лиҳози дастовардҳои соҳавӣ ва чи аз лиҳози инфасохтору табиати биҳиштосо барои истиқболи шоиста аз ин сол омода аст. Ҳамзамон, соли равон ба таъсиси шабакаи энергетики Ҷумҳурии Тоҷикистон 82 сол пур мешавад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Шабакаҳои энергетикии Ҷумҳурӣ, ки дар заминаи неругоҳҳои маҳаллии мамлакат бунёд гардидааст, ба таври ҳаққонӣ дар ИДМ яке аз пешқадамтарин ва боэътимодтарин мебошад». Барои расидан ба ин ҳадаф солҳо заҳмати фидокорона ва ҳатто қаҳрамононаи одамони покниҳоде зарур шуд, ки ҳоло номҳои онон ифтихори мамлакат гардиданд.

Аз рӯйи захираҳои гидроэнергетикӣ Тоҷикистон дар ҷаҳон мақоми ҳаштумро дорост, аммо аз чиҳати захираҳои гидроэнергетикӣ ба як километри мураббаъи ҳудуди Ҷумҳурӣ дар ҷаҳон мавқеъи аввалро ишғол карда, аз бисёр кишварҳо бартарӣ дорад.

Бинобар ин, ҳануз дар нахустин солҳои ҳукумати шӯравӣ диққати олимон ва коршиносони соҳаи энергетика ба Тоҷикистон ва имконияҳои беҳудуди барқӣ-обии он нигаронида шуда буд. Давлати шӯравӣ солҳои 30-юми асри гузашта ба кишвари мо гурӯҳи мутахассисонро фиристонид, то ки онҳо захираи гидроэнергетикии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, имконияти истифодаи онро дар нерӯгоҳҳои барқӣ муайян созанд.

Он вақт мошину механизмҳо набуданд, бинобар ин бисёр корҳо бо белу каланд иҷро мешуданд. Моҳи декабри соли 1936 қувваи барқи неругоҳи Варзоби Боло аввалин бор хиёбонҳои пойтахти Ҷумҳуриро равшан намуд. Давраи минбаъдаи таърихӣ дар фаъолияти онҳо сохтмони бузургтарин дар Осиёи Миёна неругоҳи барқи обии Норак гардид. Қарори сохтмони он моҳи феврали соли 1961 қабул шуда буд. 16-уми декабри соли 1961 деҳаи Норак ба мақоми шаҳр шарафёб гардид...

Норак диёри бостонӣ буда, мувофиқи маълумоти таърихнависон дорои таърихи тӯлонист. Дар китоби «Тоҷикон»-и Қаҳрамони Тоҷикистон, Бобоҷон Ғафуров омадааст, ки дар асри санг ин ҷо одамон мезистаанд. Деҳкадаи Норак мувофиқи махзанҳои таърихию адабӣ таърихи 2500 сола дорад. Шаҳри имрӯзаи Норак дар соҳили руди Вахш ҷойгир аст. Масоҳати он 394,5 км2 мебошад.

Аз байни кӯҳҳое, ки Норакро дар оғӯш гирифтаанд, кӯҳи Нор (куфони уштур номи қадимааш то омодани арабҳо ба Осиёи миёна) зеботарин ва баландтарин (1714 метр аз сатҳи баҳр) аст ва шояд он ба номи Норак умумияте дошта бошад. Шаҳри Норак зиёда аз 58 ҳазор аҳолӣ дорад. Ин ҷо ёдгориҳои таърихӣ ба монанди «Мақбараи мавлоно Мирзо Юсуф», «Хоҷа Сурхпуш», «Шайх Саид Абдулҳайи Балогардон», «Амири Бузург» ва ғайра мавҷуданд, ки ин ёдгориҳо мавриди таҳқиқи бостоншиносон қарор гирифтаанд.

Дар шаҳру деҳаҳо садҳо дӯконҳои хӯрокворӣ, дорухона, бунгоҳи тиббӣ, мактабу қасрҳои фарҳанг, хонаҳои бисёрошёна қомат афрохта, манзараҳои ду соҳили рудхонаи Вахш то Нерӯгоҳи Бойғозӣ ба зебоии шаҳр як ҳусни дигар зам кардааст. Ободии талу теппаҳо ва боғҳои нав шаҳрро ба як гӯшаи фирдавс табдил додаст, ки аз тамошояш дил ба фараҳ меояд. Хусусан дар фасли гармо фавворахо аз нақби обпартои нерӯгоҳ як муъҷизаи нотакрор аст, ки кас аз тамошояш сер намегардад.

Ривояте ҳаст, ки мегӯянд, ҳар як деҳа ё шаҳр, чун одамон, тақдир ва таърихи худро дорад. Оре! Дар гузашта аз миёнаи деҳаи онвақтаи Норак роҳи корвон мегузашт ва ин роҳ водии Ҳисорро бо водии Кӯлоб пайваст мекард. Корвонбошиён кӯшиш мекарданд, ки ба деҳаи Норак шомгоҳ бирасанд. Барои он, ки ин деҳа дар давоми рӯз беҳад тафсида ба танӯр мубаддал мегаштааст, нафас кашидан амри маҳол мешудааст. Кадоме аз Корвониён ба гармии Норак тоб оварда натавониста бо корди тези худ дар бадани чиноре навиштааст; «Эй худо! Чун Норак офаридӣ, дигар ба дӯзах ҳоҷат нест!» «Норак чӣ маъно дорад? Ин номро ки мондааст, барои чӣ ин тангноро Пули Сангин гуфтаанд? Дарёи пурталотуми Вахшро «Дарёи вахшӣ» меноманд? Оё ин дуруст аст? Ба саҳифаҳои таърих рӯ меоварем. Баъзеҳо номи Норакро аз калимаи нор, ки ду маъно дорад, медонанд. Ба ақидаи баъзеҳо номи Норак аз маънии якум нор аз шакли кутоҳшудаи «Анор» ва суффикси «ак» таркиб ёфтааст. Гӯё дар гузашта ва ҳоло дар атрофи деҳаи Норак анорзор буда, ба анори худ шуҳрат доштааст. «Чунин ташбеҳ ба қавоиди номгузории тоҷикӣ мувофиқ меояд» гуфтааст олим Роҷек Фелд. Маънои дуюми Норак ба «Оташ» таалуқ дорад.



Агар дарёи Вахшро таъбир кунем, олимон «Вахш»-ро калимаи тоҷикӣ ташреҳ дода мегӯянд, ки он бевосита вожаи мардуми ориёнажод аст. «Вахш» ба номи Худои дарёҳо вобаста будааст. Дар қадим одамон номи Вахшу Норакро ба оташу об ва гармиву покӣ тавъам донистаанд.

Ҳамзамон, қиссаи дигаре ҳам ҳаст, ки дар замони қадим дар деҳаи Норак ҷавони ҷӯпоне бо номи Норак зиндагӣ мекардааст. Ӯ нотарсу ҷасур будааст. Ҳар гоҳе ӯ найи чупониашро менавохт, парандаҳои хушхон хомӯш мешуданд, шаббодаи ҳаловатбахш лаҳзае «нафас рост карда» таваққуф мекард, уқобони кӯҳҳои сарбаланд аз парвоз худро медоштанд. Садои найи ӯ ба дилҳо ором, ба чеҳраҳои духтарон табассум, ба рӯи пиру барно хушнудӣ мебахшид. Нораки ҷавон дар тирандозӣ ҳам беҳамто буд. Тири камони ӯ ба нишон бехато мерасидааст.

Шуҳрати ҷавон аз диёре ба диёре паҳн мешуд. Он замон, ки бекигарии Кӯлобу Норак ба ҳайати Балҷувон дохил буд, чун қалъаи мудофиавӣ, то сохтмони НБО-и Норак. Соли 1870 баъди ҳамроҳ шудани Бухорои шарқӣ ба Аморат Норак ба бекигарии Ҳисор дохил гардида буд. Навкарони амири Бухоро овозаи ӯро шунида, дар ҳайрат афтода, ба якдигар менигаранд ва ба амир гушрас мекунанд.

- Дар боргоҳ чунин каси чусту чолок ва шикорчии баҳодурро нигоҳ доштан, ин боиси ифтихор аст! Хабар фиристед ва ба дарбор даъват кунед! – амр кардааст амир.

Вале ҷавон ба ин розӣ нашудааст. Аз дарбор дида деҳаи ӯ, одамони мушфиқу дарёдили онро авлотар донистааст. Аз замини хуни нофаш чакида дур шуданро нахостааст. Амир рад кардани ҷавонро шунида, ба Норак аскар равон кардааст, то ҷавони ҷасурро дошта ба Бухоро баранд. Ҷавон оқибати мудҳиши пешомадаро ба пеши назар оварда, илоҷи халосӣ ҷустааст. Вай ба хонуми худ гуфтааст:

- Ҳолам табоҳ. Аз пайи ман аскарон афтодаанд. Дошта ба Бухоро мебурдаанд. Агар дар деҳа пинҳон шавам, маро албата медоранд. Аз ту ёри меҳрубонам дур шудан намехоҳам, - гуфтааст ва ба тарафи кӯҳи Нору дараи Пули Сангин нигариста илова кардааст.

- Ҳу он кӯҳи Норро мебинӣ? Рӯ ба рӯи хонаамон! Ман ҳамон ҷо баромада паноҳ, мебарам. Ту аз хона намебарой ва пурсиданд, "намедонам" мегӯӣ. Ҳар бегоҳ вақте, ки атрофро торикӣ фаро мегирад ба он сӯ менигарӣ. Дар қуллаи баланд машъали фурузоне мебинӣ, бидон, ки ман зиндаам. Агар фарзанд таваллуд шавад, машъал гиронда ба ман хабар медиҳӣ. Писар бошад, оташро чанд бор пасту боло намо, духтар бошад, машъалро сӯи чапу рост тоб деҳ. Ҳаргоҳ, ки дар қуллаи кӯҳ-машъали маро набинӣ, бидон, ки ман нобуд шудаам! Дар ин бора ба ягон кас даҳон накушо. Хайр азизи дилам, - гуён ҷавон сӯи куҳ равона шудааст. Аз байн рӯзҳо, моҳҳо сипарӣ шудааст. Рӯзе зани он ҷавон писар таваллуд мекунад ва ба сӯи кӯҳ назар афканда машъале фурӯзон месозад ва шавҳараш мефаҳмад, ки писар ба дунё омадааст. Ҷавон бениҳоят шод гашта, эҳтиёткориро фаромӯш мекунад. Рӯрӯи зинасангҳои ба худ шиносаш парида мефарояд, то фарзанди аввалинашро бубинад. Аммо ӯ ба хона нарасида навкарони Амир ӯро дастгир карда, азоб дода мекушанд. Зан аз фироқи шавҳар ба тифлаш номи кӯҳи Норро медиҳад, Норак ном мемонад….

Чун ба таърих назар меафканем, нуздаҳ аср қабл олими Руми қадим – Плиний дар мусаввараи хеш дар ин ҷойҳо вуҷуд доштани чунин мавзеъҳоро хотирнишон кардааст. Як аср пас ҷуғрофидони Юнони Қадим – Птоломей низ ин маъниро зикр кардааст. Сайёҳе бо номи Рустой 912 сол қабл аз солшумории мелодӣ ба Осиёи Миёна сафар карда дар сафарномаи худ аз Норак ва Дараи Пули Сангин ёд кардааст. Ӯ манзараи фусунгари ин ҷоро дида, мафтун шуда ҳамчунин навиштааст: «Наҳри Вахш аз тангноии ду кӯҳ Сандук ва Нор ба атроф ғулғула андохта мегузашт. Дар болои тангно як санги калони дароз ба ду лаби кӯҳҳо ҳамчун пул-кӯпрук гузошта шудааст». Ин пул сарҳади он вақтаи ду воҳаи азим – Вахшгирд ва рустоии Хутталиёнро пайваст мекард. Ба ду тараф рафтан танҳо бо ҳамин Пули Сангин сурат мегирифт...

Норак бо мурури замон ҷойи набарду талош барои ҳаёти нурафшон, майдони санҷишҳои мардона, озмунгоҳи аклу бунёдкорӣ ба маскани дӯстон гардид. Манбаи нур шуд. Ба садҳо ҳазорон кӯҳистониён тақдирчунбонӣ кард, ба онҳо кор ёд дод, одаму одамгарӣ ва дӯстиро омӯхт! Бародарон ҷамъ шуда, бо кӯшиши дучанд Норакро аз нав сохтанд, як деҳаи кӯчаки бари кӯҳро ба шаҳри зебову оламоро, маскани дӯстиву рафоқат табдил доданд. Оре, одамон Норакро сохтанд, Норак одамонро сохт!

Болотар аз шаҳри Норак Дараи Пули Сангин ва дар самти чапи дарёи Вахш кӯҳи осмонбӯсе ҳаст. Онро Кӯҳи Сандуқ гӯянд. Дар бораи ин кӯҳ одамон ҳар ривояте мегӯянд. Яке аз ин ривоятҳо чунин аст:

Дар замонҳои хело қадим ин ҷо як деҳқони камбағал зиндагӣ ба сар мебурдааст. Ӯ ягона писар доштааст. Вақте, ки ӯ пир шуда, аҷал аз гиребонаш гирифтааст, деҳқон бо ҳаяҷон писарашро даъват карда, арзи ҳол намудааст:

- Писарҷонам! – гуфтааст ӯ – Умре мехостам чизе ҷамъ карда ба ту мерос гузорам, вале ёфтаи ман ба рӯзгорам базӯр мерасид. Барои мерос чизе надорам. Ман акнун мемирам ба ту ҳикояте мерос мегузорам. Онро ман аз бобоят шунидаам. Бояд доимо дар ёд дошта бошӣ. Он замон Нораки мо шаҳри ободу дилкаше будааст. Ҳар як норакӣ чандин хонаю дар доштааст ва ба роҳгузару мусофир нону намак медодааст. (Кони намак дар назди обпартои НБО-и Норак то ҳол истифода бурда мешавад). Мардумаш серу пур ва осоишта зиндагӣ мекардааст. Овозаш чун хозира ба тамоми олам рафта будааст. Инро шунида подшоҳе ҳасад бурда ба Норак лашкар мекашад. Душман хело зиёд ва зӯр будааст. Мардуми онвақтаи Норак боигарӣ, зару зевари худро ҷамъ намуда, ба як сандуқи калон андохта қулф мекунанд ва калидашро ба тангнои Пули Сангин, дарёи Вахш мепартоянд. Душман ба Норак омада чизе наёфта, бисёраш дар ҷанг, аз гуруснагӣ мемурад ва дигаронаш аз ноумедӣ аз Норак баромада мераванд. Душманон ҳарчанд кӯшиш мекунанд, нияташон бад, ки буд калидро ёфта наметавонанд. Танҳо он шахсе, ки нияташ ободии Ватан, зиндагии шоистаи халқаш бошад ёфта метавонад...

Аз ин васият солҳо гузашт. Калиди рамзиро бошад танҳо одамони асри бист пайдо карданд, ки он хазинаи ҳақиқи барқу рӯшноист. Имрӯз неругоҳ пурра барои қабули меҳмонон омода аст, дар кадом сатҳе набошад қабул карда, аз дастовардҳо, гулгаштҳои сабзпӯш, ҷойҳои ҳақиқатан мӯъҷизаофар ва кормандони меҳнаткарин қисса карда метавонад.

***Р.С ҚОСИМОВ -***
***муовини раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии ҲХДТ дар НБО-и Норак.***

# ИТТИЛОИЯ

Санаи 27.06.2018 маҷлиси васеи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон баргузор гардид. Дар рафти маҷлис масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтанд.

1.Ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар нимсолаи аввали соли 2018 ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюм;

2.Ташкили обуна ба нашрияҳои ҳизбии "Минбари халқ" ва "Ҳамрози халқ" барои соли 2019;

3.Эълони Аксияи тарғиботӣ-амалии Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон тахти унвони "Якҷоя ҳал мекунем!";

4.Эълони озмунҳои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва Соли тақвияти робита бо маҳал.

Маҷлиси Кумитаи иҷроия дар сатҳи баланди сиёсиву ташкилӣ баргузор гардида, вобаста ба масъалаҳои пешниҳодшуда қарорҳои дахлдор қабул гардид. Тафсилот ва иттилооти бештар дар ин мавриди дар шумораи навбатии нашрияи "Ҳамрози халқ" чоп мегардад.

## ОҒОЗИ КУРСИ ОМӮЗИШӢ БО КОРМАНДОНИ МАСЪУЛИ КУМИТАҲОИ ИҶРОИЯИ ҲХДТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



Бо мақсади мустаҳкам кардани донишу таҷрибаи сиёсии кормандони сохторҳои ҳизбии вилояти Хатлон ва баланд бардоштани сатҳи малакаву маҳорати корбарӣ ҷиҳати татбиқи муассири самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон санаи 26.06.2018 дар шаҳри Бохтар курси омӯзишӣ бо раисон ва кормандони кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон оғоз гардид.

Зимни оғози курси омӯзишӣ раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, узви КИМ ва КИВ ҲХДТ, муовини раиси вилояти Хатлон Хидирзода Махфират Умар иштирок ва вобаста ба ҳадафу мақсадҳои он суханронӣ намуданд. Инчунин, дар кори курси омӯзишӣ наздики 200 нафар кормандони масъули сохторҳои вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявии ҳизб ба ҳайси шунаванда иштирок варзида истодаанд.

Курси омӯзишӣ бо нахустин дарси муовини раиси вилояти Хатлон Хидирзода Махфират Умар дар мавзӯи "Шарҳу тавзеҳи нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади сафарбар намудани сокинон бахри татбиқи он" ҷараён гирифт.



Дар давоми рӯз Чуянов Самариддин Холмуродович – муовини сардори шуъбаи мубориза бар зидди терроризми Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар мавзӯи "Сабабу омилҳои шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои характери экстремистӣ-террористидошта ва роҳҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ин ҳизбу ҳаракатҳо" ва Раҳмонзода Содиқҷон – сардори шуъбаи амнияти дохилаи Раёсати Агентии давлатии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон дар вилояти Хатлон дар мавзӯи "Фаъол гардонидани аҳолӣ дар самти мубориза бо нашъамандиву нашъаҷаллобӣ ҳамчун зухуроти хатарзо ба амнияти миллӣ ва ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон" дар ҳузури иштирокчиёни курси омӯзишӣ баромадҳои пурмуҳтаво намуданд.

Курси омӯзишии мазкур то санаи 29.06.2018 идома пайдо карда, дар рафти он коршиносони варзидаи соҳаҳои мухталиф ва намояндагони мақомоти давлативу ҷамъиятӣ вобаста ба мавзӯъҳои муҳимми сиёсӣ суханронӣ ва маърӯза менамоянд.

## ТАЪЗИЯ

***Аъзои Раёсат ва Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва дар маҷмӯъ кулли аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ дар вилоят ба Муовини якуми Раиси ҲХДТ Фаттоҳзода Сайидмурод Самад нисбати даргузашти ҲАМСАРАШ ҳамдардӣ баён намуда, ба эшон ва наздикону пайвандонашон сабри ҷамил хоҳонанд.***

………………………………………………………………………………

***Аъзои раёсат ва Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва кормандони масъули сохторҳои ҳизбии вилоят ба раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Ҳалимов Маҳмаддовуд нисбати даргузашти МОДАРАШОН ҳамдардӣ баён намуда, ба хешону наздикон сабру бурдборӣ хоҳонанд.***



## ҶАҲОН ДАР ЯК ҶУМЛА

▶ Дар вилояти Қандаҳори Ҷумҳурии исломии Афғонистон гурӯҳи силоҳбадастон ба нуқтаи гузаргоҳи сохторҳои қудратӣ ҳамла намуда, 13 нафар кормандони полисро ба ҳалокат расониданд;

▶ Дар Испания кормандони мақомоти полис дар рафти гузаронидани амалиёти махсус 24 нафарро барои даст доштан дар паҳн намудани наворҳои фаҳши кӯдакона дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ боздошт намуданд;

▶ Дар Словения боришоти шадиди борону жола ба амал омад, ки дар натиҷа болопӯши садҳо бинои истиқоматӣ валангор шуда, шишаҳои автомобилҳои дар зери жола монда шикаста, сурох гардиданд;

▶ Дар Юнон нақлиёти хурди мусофирбар, ки гурезагони Сурияро интиқол медод, ба садама дучор шуд, ки дар натиҷа 6 нафар, аз ҷумла 3 кӯдак ба ҳалокат расида, 10 нафари дигар ҷароҳат бардошт;

▶ Дар минтақаи Кахетии Ҷумҳурии Гурҷистон автобуси хурди мусофиркаш, ки кӯдаконро ба саёҳат интиқол медод, аз баландӣ ба ҷарӣ афтод, ки дар натиҷа 4 нафар ба ҳалокат расида, беш аз 20 нафари дигар маҷрӯҳ гардид;

▶ Дар шаҳри Манчестери Британияи Кабир ҳавопаймои хурд ба фалокат дучор шуд, ки дар пайи ҳодиса ду нафар ба ҳалокат расид;

▶ Дар як мағозаи шаҳри Ҷалолободи музофоти Нангаҳори Афғонистон бар асари таркиши таҷҳизоти худсохти тарканда 8 нафар сокини осоишта, аз ҷумла як кӯдаки ноболиғ ба ҳалокат расид;

▶ Дар минтақаи Араукаи Колумбия хизматчиёни ҳарбӣ зимни гузаронидани амалиёти махсус 16 силоҳбадасти узви як гурӯҳи қочоқчии ярок ва маводи мухаддирро нобуд сохтанд;

▶ Аз соли 2014 то кунун ноорomиҳо дар Яман идома доранд, ки дар ин муддат бар асари даргириҳои мусаллаҳона беш аз 12 000 сокини осоишта ба ҳалокат расида, ҳазорҳо нафари дигар гурезаву овора гардиданд;

▶ Дар австрия боришоти шадид обхезиро ба амал овард, ки дар натиҷа 1 нафар ҳалок шуда, ба садҳо манзили истиқоматӣ осеб расид;

▶ Дар Перу бостоншиносон аз минтақаҳои қадима 2 қабристони дастаҷамъонаи кӯдаконро пайдо намуданд, ки дар онҳо дар маҷмӯъ 151 кӯдаки тақрибан 500 сол пеш ба таври ваҳшиёна куштешуда дафн гардидаанд;

▶ Бар асари заминларзаи шадид дар минтақаи Осакаи Япония, ки 6,1 балро ташкил медод 4 нафар ҳалок шуда, беш аз 370 нафари дигар ҷароҳат бардошт;

▶ Кормандони сохторҳои қудратии Италия дар рафти гузаронидани амалиёти махсус дар шаҳри Барӣ ва дигар шаҳрҳо беш аз 100 узви гурӯҳҳои ҷиноятпешаи силоҳбадастро дастгир карданд, ки онҳо дар нигоҳдории ғайриқонунии яроқи оташфишон, таҳдид ба мансабдорони давлатӣ ва ғоратгарӣ гунаҳгор дониста мешаванд;

▶ Нерӯҳои ҳарбӣ-ҳавоии Марокаш зимни як амалиёт аз ду қаиқи резинии гурӯҳҳои нашъаҷаллоб беш аз 1 тоннаву 180 килограмм маводи мухаддирро дарёфт ва мусодира намуданд.


**ҲАМРОЗИ ХАЛҚ**

**Муассис:**
Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон

**Масъули чоп:**
**Орзу ҲАМИДИЁН**

**Ҳайати мушовара:**
**Давлатшоҳ ГУЛМАҲМАДЗОДА, Махфират ХИДИРЗОДА, Абдулло РАҲМОНЗОДА**

Нашрия тахти рақами 627 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

***Тарроҳ:***
***Хусрав МАЗОРИЕВ***

Дар нашрия ба хотири чандандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон метавонанд мувофиқат накунанд ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад.

Аксу дархост ва номаҳо ба муаллифонашон баргардонда намешаванд. Ба дурустии далелу арқоме, ки дар номаҳои расида ва эълону рекламаҳо истифода шудаанд, муаллифонашон масъулият доранд.

**Суроғаи мо:** 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ-47, тел: 8 (3222) 2-82-92, 2-70-70



Нашрия дар чопхонаи ҶДММ «Шоҳин-С» ба табъ расидааст.

***Теъдоди нашр 11400 нусха***